**Суханронии шодбошии**
**Раиси Бонки миллии Тоҷикистон**
**дар ҷаласаи муштараки Гурӯҳҳои кории**
**Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ**
**(24 апрели соли 2017, Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

Меҳмонони муҳтарам, иштирокдорони ҷаласаи понздаҳуми “Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи маълумоти оморӣ доир ба дастрасии молиявӣ” ва ҷаласаи даҳуми “Гурӯҳи корӣ оид ба омӯзиши таҷриба дар соҳаи стратегияи дастрасии молиявӣ”!

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Иҷозат диҳед Шуморо ба сарзамини бостонии Тоҷикистон хайрамақдам гӯям.

Мехоҳам миннатдории худро ба Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ баён намоям, ки ба мо

барои гузаронидани чунин як чорабинии бошукӯҳи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам овардааст. Аз он бениҳоят хушнудем, ки бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин як чорабинии бузургу муҳим баргузор мегардад.

Мехоҳам таваҷҷӯҳи Шуморо ба он ҷалб намоям, ки вохӯрии имрӯзаи мо ва чорабиниҳои минбаъда дар ҳамин гӯшаи зебоманзари кишварамон – дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон “Пуғус” баргузор хоҳанд шуд. Хурсандиовар аст, ки барои иштирок дар ин чорабиниӣ ба шаҳри Душанбе намояндагони 47 кишвари олам, инчунин намояндагони созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва намояндагони вазорату идораҳо ташриф овардаанд. Эътимоди комил дорам, ки натиҷаҳои

чорабинии мазкур барои густариш ва тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои судманд дар доираи Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ такони ҷиддӣ бахшида, дар қалби иштирокдорони чорабинии мо таассуроти хубу гуворо боқӣ мегузоранд.

Хушҳол аз онам, ки ба Шумо барои ташрифи як кишвари Осиёи Марказие, ки таъриху фарҳанги қадимии беш аз панҷ ҳазор сола дорад, имкон фароҳам омадааст. Мо тамоми шароитро бароятон муҳайё менамоем, ки тибқи Барномаи фарҳангии чорабинӣ аз ҷойҳои таърихии кишвар, осорхонаҳо ва толорҳои намоишии Душанбе боздид ба амал оред.

Бояд ёдовар шуд, ки айни замон Иттиҳоди мазкур аз намояндагони зиёда аз 90 кишвари олам иборат мебошад, ки ин иқтидори созмони мазкур ва аҳамияти онро дар беҳсозии дастрасии аҳолии

олам ба хизматрасониҳои бонкӣ хеле зиёд менамояд.

Тавре ба Шумо маълум аст, дар айни замон зиёда аз дуюним миллиард одамони сайёра ба хизматрасонии бонкӣ дастрасӣ надоранд.

Иттиҳоди дастрасии молиявӣ нахустин созмони ҷаҳонист, ки вазифаи шабакаи иттилоотиро барои бонкҳои марказӣ ва дигар институтҳои молиявии танзимгар дар кишварҳои дорои бозори молиявии тараққиёбанда иҷро менамояд. Фаъолияти Иттиҳод ба иштирокдорон барои дастрасии онҳо ба таҷриба ва иттилооти давлатҳои пешрафта дар масъалаҳои такмили маърифатнокии молиявӣ ва осон кардани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ имконияти васеъ фароҳам меорад.

Тавре ки маълум аст, Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ ба кишварҳои аъзои худ дар татбиқи сиёсати дастрасии молиявӣ, ки унсурҳои асосии он ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, такмили маърифатнокии молиявӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, пешбурди бонкдории мобилӣ ва ғайра мебошанд, мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон соли 2011 узви комилҳуқуқи Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ гардид. Дар соли 2014 бошад, оид ба рушди дастрасии молиявӣ дар Тоҷикистон дар доираи Эъломияи Майя уҳдадорӣ қабул намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати Иттиҳод оид ба дастрасии молиявиро дастгирӣ карда, аз шаш гурӯҳи кории ин созмони байналмилалӣ узви панҷ гурӯҳи кории он мебошад.

Фаъолияти ин гурӯҳҳои корӣ ба мубодилаи самараноки таҷриба ва боло бурдани сатҳи дониш дар соҳаи дастрасии молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, маблағгузории соҳибкории хурду миёна, масъалаҳои таҳияи маълумоти оморӣ оид ба дастрасии молиявӣ ва дигар масъалаҳои мубрам мусоидат хоҳад кард.

Фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон пеш аз ҳама ба дастгирии суботи молиявӣ ва бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дарпешгузошта, Бонки миллии Тоҷикистон баҳри татбиқи сиёсати дастрасии молиявӣ чораҳо андешида, дар байни иштирокдорони Иттиҳод мубодилаи таҷриба ва маълумотро анҷом медиҳад. Дар ҳамкории наздик бо шарикон Бонки

миллии Тоҷикистон ба рушди ҳамаҷонибаи низоми пардохт, низоми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, такмили маърифатнокии молиявӣ, инчунин осон кардани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ дар деҳот ва ноҳияҳои дурдасти кӯҳистони кишвар тариқи маблағгузории хурд мусоидат менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ҳамкорӣ бо Иттиҳод баҳри боло бурдани сатҳи дониш, малака ва имкониятҳои зиёд кардани дастрасии молиявӣ дар кишвар тавассути иштирок дар кори гурӯҳҳои кории гуногуни он чораҳо меандешад.

Қайд кардан муҳим аст, ки бо мақсади тараққӣ додани соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои моилявӣ,

боло бурдани сатҳи маърифатнокии молиявии истеъмолкунандагони мамлакат, дар заминаи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди сохтории алоҳида таъсис дода шуд, ки дар натиҷаи фаъолияти он Стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди механизми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019 қабул гардид.

Мақсади Стратегияи мазкур ҳамоҳанг кардани фаъолияти иштирокдорони низоми молиявию бонкӣ барои мусоидат ба афзудани боварии аҳолӣ ба низоми молиявӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар баробари ин, дар соҳаи назорат ва танзим ҷорӣ

кардани талаботи муосири ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиду рақобатпазир дар бозори молиявӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади муайян кардани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти низомҳои пардохт ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои пардохт, фароҳам овардани шароит барои рушди низоми пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи феврали соли ҷорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" қабул гардид.

Яке аз ҷанбаҳои асосии ин Қонун ба ташкилотҳои қарзӣ додани имконияти рушди шабакаи агентӣ тавассути ҷалби агенти бонкии пардохт, инчунин беҳтар кардани дастрасии

аҳолии деҳот ба хизматрасониҳои ҳадди ақалли молиявӣ мебошад.

Сифати хизматрасониҳое, ки низоми молиявӣ пешниҳод мекунад, то андозаи назаррас ба рушди иқтисодии мамлакат таъсир мерасонад, ки бевосита ба рушди соҳибкорӣ, равандҳои инноватсионӣ ва рушди рақобатпазирӣ мусоидат хоҳад кард. Ташкили механизми босамар барои дастрасии молиявӣ бахусус дар самти зиёд намудани эътимоди аҳолӣ ба низоми молиявӣ хеле муҳим мебошад.

Таҳия ва қабули Стратегияи миллии дастрасии молиявӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар мамлакат дониста мешавад. Дар ин самт Иттиҳоди дастрасии молиявӣ ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ таҷрибаи ғанӣ доранд. Мо омодаем бо истифода аз таҷрибаи ғании ин ташкилотҳои бонуфуз,

таҷрибаи кишварҳои аъзои Иттиҳод ва дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ҳуҷҷати мазкурро таҳия ва қабул намоем.

Ҳамзамон дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030 таҳияи **"Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ"** ба нақша гирифта шудааст. Татбиқи ин Барнома ба баланд бардоштани маърифатнокии молиявии аҳолӣ, эътимоди аҳолӣ ба низоми молиявӣ ва осон намудани дастрасӣ ба сарчашмаҳои молиявӣ равона карда мешавад, ки дар натиҷа ба рушди иқтисодии мамлакат дар маҷмӯъ мусоидат хоҳад намуд.

Вобаста ба ин, қайд кардан ҷоиз аст, ки мусоидату кӯмаки шарикони мо дар доираи Иттиҳод имкон фароҳам меорад, ки натиҷаҳои

хубу босамар дар татбиқи нақшаҳои дарпешистода дар самти рушди дастрасии молиявӣ ба даст орем.

Дар охир иҷозат диҳед бори дигар бо эҳтироми самимӣ ба Шумо бигӯям, ки “Хуш омадед ба Тоҷикистон!” ва ба ҳамаи иштирокдорони ин чорабинӣ муваффақият ва барори кор орзу намоям.

Ташаккур!